# Наздиктарин роҳ ба суи биҳишт

﴿ أقرب طريق إلى الجنة ﴾

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Абдуссатори Ҳомид

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ أقرب طريق إلى الجنة ﴾

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

Наздиктарин роҳ басуй биҳишт

Аз шумо бародар ва хоҳари азиз мепурсам: Оё биҳиштро мехоҳи? Посух дод: чи касе хоҳони биҳишт набошад? Кист ки хуши ва неъмати пойдорро нахоҳад? чи касест ки лаззати доими паёпай, ва поён нопазирро толиб набошад? Гуфтам пас чаро корҳой нек анҷом намедиҳи то дохили биҳишт шави? ва аз лаззат ва неъматҳой он баҳраманд шави? Гуфт: ҳамоно роҳи биҳишт душвор, ва тулони, пур аз хор, ва мушкил гузар аст, ва барой шахсе монанди ман заъиф, мушкилот ва сахтиҳой ин роҳ нопазир аст.

Гуфтам:

Бародар ва хоҳари азизам! ту ки наметавони ба тоати Худо давом оварда, ва сабр намой, ва қудрати дури ҷустан аз гуноҳ ва нофармони Худоро надори, пас агар Худой нохоста аз аҳли дузахт шави дар онҷо чигуна азоби оташро таҳамул хоҳи кард?Гуфт: ин амр (савол ва ҷавоб) маро аз ҷо барканда такон дод, ва дар ҳайрат ва саргардони фуру бурд, аммо намедонистам чи кор кунам ва аз куҷо шуруъ намоям дари ҳолеки масири тулониро дар анҷоми гуноҳ, ва маъсият ва муҳаррамот гузаронидам, гуноҳони зиёде анҷом дада будам, гуфтам барой расидани биҳишт шуморо ба роҳи бисёр кутоҳе роҳнамой мекунам,

роҳи сода ва осон, бидуни ранҷ ва хастаги ки дар он роҳ ҳеч фишор ва мушкиле нест. Гуфт: маро зудтар роҳнамой кун, ман саргардон аз пушти пайдо кардани ин роҳи осон ҳастам, гуфтам: ин роҳи ҳамвора ва омодаро Имом ибнул Қайим дар китобаш ба номи(Алфавоид) баён намуда аст, ки дар он китоб мегуяд: Аз наздиктарин ва осонтарин роҳ бидуни хастаги ва сахти барой ҳамсояги бо Худованди бузург дар биҳишт ин аст:

Ту дар замони воқеъ шудаи, ки дар байни ду замон, гузашта ва оянда қарор гирифтай, ва он дар воқеъ умри кануни шумост, яъне: замони феъли ва ҳозир, ту метавони ба василай тавба ва пушаймони ва истиғфор ва талаби бахшиши гуноҳон аз Худованд худатро ислоҳ намой, ки инкор ҳеч гуна сахти ва машақате надорад, балки амали қалби аст, танҳо бо дили соф ва нияти холис метавони ин чизро аз Худованд талаб куни ва Худованд талаби туро хоҳад пазируфт.

Аммо барой оянда: аз ин баъд яъне, дар оянда аз анҷоми гуноҳ ва нофармонии Худо дури бичуй, ва аз тамоми гуноҳон парҳезкори бикун, ва дури ҷустан аз маъсиятҳам кори осон ва осуда аст,чун ин корҳо вобаста ба ъазм ва ирода ва тасмими қотиъро мехоҳад.

Пас гузаштаро бо гузашта ва пушаймони аз гуноҳ ва ояндаро (ончи дар пеш аст) бо ъазм ва ирода, ва парҳез аз маъсият ва бо кардани амали солиҳ ислоҳ намо, ки дар анҷом додани ҳеч як аз ин ду (ислоҳи гузашта ва парҳез дар оянда) барой чисми инсон хастаги ва сахти ва мушкиле вуҷуд надорад.

Аммо ҳол ва вазъияти ту  дар даврони ҳаёт, замоне аст байни гузашта ва оянда ки агар ин замонро аз даст диҳи яъне агар аз ин фурсат истифода набари,роҳҳой саъодат ва хушбахтиро аз даст додай, ва агар бо ислоҳи гузашта ва оянда,ва он роҳу равишеки зикр кардем истифода намой, роҳи наҷотро аз худ карда, ва лаззат ва неъматро ба баст овардай.